**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Боронов Умедҷон Хуҷамуродович дар мавзуи «Фаъолияти адабӣ ва тарҷумонии Ҳасан Ирфон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ. – Душанбе, 2023. – 171 с.**

Дар таърихи адабиёти давраи нави тоҷик чеҳраҳои илмию адабӣ ва фарҳангиеро метавон ном бурд, ки тавассути хидматгузорӣ ва гаронмояашон ба ташаккулёбию таҳаввули забону адабиё ва таъриху фарҳанги миллӣ мусоидат намудаанд. Аз тарафи дигар, онҳо бо нерумандӣ ва хизматҳои шоиста рисолати эҷодкор будан ва эҷод намуданро ба таври зарурӣ дарк карда, сабабгори бақо ва ҳастии фарҳанги халқу миллати хеш гардидаанд. Маҳз ҳамин гуна садоқат ба кори эҷодӣ ва ба ин ё он шаклу анвои қобили таваҷҷуҳ манзур намудани маҳсули қаламашон аст, ки моро ба омӯзиш, таҳлил ва таҳқиқу пажуҳиши ин масоил водор менамоянд. Таҳқиқи рӯзгору осор ва фаъолияти эҷодии чунин чеҳраҳои илмию адабӣ арзиши махсуси илмӣ дорад.

Дар раванди ташаккул ва таҳаввули тарҷумаи бадеӣ нақши шахсиятҳои ҷудогона бузург буда, маҳз ба василаи хидматҳои эшон тарҷума ҳамчун ҷузъи муҳимми адабу фарҳанг дар ҷомеаи тоҷикон ҷойгоҳи шоиста касб кардааст. Ҳасан Ирфон дар ҷараёни ин воқеияти таърихиву фарҳангӣ яке аз ташаккулдиҳандагони тарҷумаи бадеӣ шинохта шудааст. Ба ин тартиб, фаъолияти адабӣ ва тарҷумонии Ҳасан Ирфон дар заминаи воқеияти сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии нимаи дуюми садаи бисти замони шуравӣ шакл гирифта, ба туфайли заҳматҳои ӯ ва ҳамқаламону ҳамсафонаш намунаҳое аз адабиёти ҷаҳон ба забони тоҷикӣ тарҷума шуд ва бо гузашти замон усулҳо ва равишҳои тозаи тарҷума ба вуҷуд омада, ташаккулу таҳаввул ёфт, ки навиддиҳандаи ҳаракат ба сӯйи ваҳдат ва иттиҳоди фарҳанги ҷаҳонӣ буд.

Ҳасан Ирфон нависанда, тарҷумон ва яке аз чеҳраҳои адабии намоёни адабиёти давраи нави тоҷик аст, ки дар рушди насри бадеӣ ва тарҷумаи осори адабии ин давра саҳми назаррас дорад. То кунун дар адабиётшиносии тоҷик ва тарҷумашиносӣ ба баррасии рӯзгору осор, анвои эҷодиёти Ҳасан Ирфон, махсусан, осори тарҷумавии ӯ таҳқиқи монографӣ сурат нагирифта буд. Ба таъбири дигар, рӯзгору осори Ҳасан Ирфон мавриди баррасии бевосита ва мустақим қарор нагирифта буд. Мавзуи таҳқиқии мавриди назар аз зумраи мавзуъҳо ва масоили пажуҳишиест, ки ба самти адабиётшиносӣ ва шинсономаи ихтисоси илмии 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ комилан **мувофиқат менамояд.**

**Аҳаммияти мавзуи** диссертатсияи номзадии Боронов Умедҷон дар он зоҳир мешавад, ки то кунун оид ба зиндагинома, фаъолияти нависандагӣ ва тарҷумонии Ҳасан Ирфон ва таъйини саҳми ӯ дар рушду такомули насру тарҷумаи бадеӣ таҳқиқи диссертатсионии бевосита ва мустақим анҷом наёфтааст. Дар ин асос, мавзуи диссертатсияи номзадии довталаби дараҷаи илмиро метавон **мубрам** арзёбӣ кард. Довталаби дараҷаи илмӣ дуруст қайд намуааст, ки «арзёбии фаъолияти адабӣ ва тарҷумонии Ҳасан Ирфон дар раванди воқеиятҳои сиёсиву иҷтимоӣ, фарҳангии замони зиндагиву эҷодаш зарур ва муҳим буда, заминаро барои шинохти куллии раванди инкишофи насри тоҷикӣ, усулҳову равишҳои ташаккул ва таҳаввули тарҷумаи бадеӣ, ки ҷузъи таърихи адабиёти тоҷик аст, ба вуҷуд меоварад» (диссертатсия, с. 4).

Таҳқиқу баррасии фаъолияти босамар ва гуногунпаҳлуи Ҳасан Ирфон аз мадди назарҳо дур намонда, суханшиносону муҳаққиқон ба рӯзгору осори ӯ ҳусни таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Тарҷумаи тоҷикии сегонаи М. Горкий «Бачагӣ», «Дар байни мардум» [«Дарбадарӣ»] ва «Университетҳои ман» ба қалами Ҳасан Ирфон тааллуқ дошта, устод Айнӣ асарҳои мазкурро таҳрир намудааст. Ба таъбири дигар, Ҳасан Ирфон дар соҳаи тарҷумаи бадеӣ фотиҳаи эҷодии худро аз устод Айнӣ гирифта буд. Илова бар ин андешаҳо, дар тақвияти фикр метавон аз қайду хотирот ва тақризу мақолаҳои М. Турсунзода, С. Улуғзода, Р. Ҳошим, М. Шакурӣ, Л. Демидчик, Ҳ. Ҳамидов, Р. Ёров, Р. Қаюм ва дигарон ёдовар шуд. Идомати ин амалро дар фаъолияти пажуҳишгарии насли нави адабиётшиносон ва унвонҷӯёну аспирантон низ ба мушоҳида гирифтан мумкин аст. Манзури муҳаққиқону донишмандон намудан ва ба ҳимоя пешниҳод гардидани диссертатсияи номзадии Боронов Умедҷон Хуҷамуродович дар мавзуи «Фаъолияти адабӣ ва тарҷумонии Ҳасан Ирфон» андешаҳои фавқро собит менамояд.

Аз оғози фаъолияти эҷодӣ осор ва ҳунари тарҷумонии Ҳасан Ирфон таваҷҷуҳи шоирону нависандагон, адабиётшиносону мунаққидонро ба худ ҷалб карда, хушбахтона, чунин ҳусни таваҷҷуҳ имрӯз ҳам зоҳир мешавад ва паҳлуҳои норавшану таҳқиқнашудаи рӯзгору осори Ҳасан Ирфон мавриди омӯзишу пажуҳиш қарор мегирад. Таваҷҷуҳи Боронов Умедҷонро омӯзишу таҳқиқи мавзуи муҳимму зарурӣ – фаъолияти адабӣ ва тарҷумонии Ҳасан Ирфон ба худ ҷалб намуда, довталаби дараҷаи илмӣ бо роҳнамоӣ ва роҳбарии номзади илми филология Боқиев Ҳамза кори илмӣ-таҳқиқии хубе анҷом додааст.

**Навгонии илмии диссертатсия** дар он зоҳир меёбад, ки бори нахуст фаъолияти адабӣ ва тарҷумонии Ҳасан Ирфон баррасӣ гардида, ҳамчунин,

ба масоили ташаккул ва таҳаввули насру тарҷумаи бадеӣ, навгониҳои падидомада дар ин самт, муҳтаво ва забону сабки асарҳои тарҷумавии адиб руҷуъ шудааст. Дар рисолаи Боронов Умедҷон таҳқиқи хусуиятҳои мундариҷавӣ, ғоявӣ ва жанрию бадеии осори Ҳасан Ирфон, ҳамчунин, осори тарҷумаии адиб ва забону сабки нигориши онҳо ба таври густарда анҷом ёфтааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он собит мешаванд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар умум, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. **Хулоса ва тавсияҳо** дар асоси таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ барои корҳои баъдӣ муайян шудааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад**, ки маводи диссертатсия, натиҷаҳои таҳқиқи илмӣ ва равиши таҳқиқии муаллиф дар омӯхтани масъалаҳои ҳамгун дар таърихи адабиёти давраи нави тоҷик ва тарҷумаи бадеию равобити адабӣ ба адабиётшиносон, тарҷумашиносон, мутахассисони робитаҳои адабӣ, унвонҷӯён, донишҷӯён ва дигар алоқамандони адабиёт ҳамчун маводи назарии илмӣ ёрӣ расонида метавонад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 7 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. **Маводи интишоргардида** нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Диссертатсияи Боронов Умедҷон Хуҷамуродович аз муқаддима, се боб, ҳафт фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, вобаста ба фарогирии мавзуъ ҳар боб ба фаслҳо ҷудо карда шудааст. Дар ҳар кадоме аз бахшҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқ, нишон додани маъхазҳо, муҳокимаю баҳси пурсуди илмӣ ва натиҷагириҳои ҷолиби диққат ба назар мерасанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи он, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати

мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд.

Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ шуда, **нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд**, ки воқеан, дар илми адабиётшиносӣ ва тарҷумашиносии тоҷик ва дар самти шинохту таҳқиқи осори Ҳасан Ирфон аҳаммияти вижаи илмӣ доранд.

Боби якуми диссертатсия «Зиндагинома ва осори Ҳасан Ирфон» унвон дошта, дар фасли аввал дар такя ба манобеи дастрас, аз ҷумла, ёддоштҳо ва романи «Дар кулбаи косибон»-и Ҳасан Ирфон, қайду хотироти Раҳим Ҳошим ва дигарон зиндагиномаи адиб ва санаду далелҳои ба он марбут баррасӣ гардидаанд.

Дар фасли дуюми боби якуми диссертатсия фаъолияти адабӣ ва дар фасли сеюми он бошад, фаъолияти тарҷумонии Ҳасан Ирфон таҳқиқ шудааст. Муаллиф заминаҳои ташаккули ҳунари эҷодии адибро мушаххас намуда, ба таърихи эҷод ва мавқеи асарҳои «Ду ёр аз ду диёр», «Духтари Алҷазоир», «Дар кулбаи косибон» таваҷҷуҳ намудааст. Фасли сеюми боби якум ба баррасии афкори тарҷумашиносӣ ва фаъолияти тарҷумонии Ҳасан Ирфон ихтисос дорад. Муаллифи диссертатсия қайд менамояд, ки «Дар усули интихоб ва тарҷумаи осори бадеи барои Ҳасан Ирфон ҷанбаи ахлоқӣ ва маърифатии асари тарҷумашавандаро низ наметавон истисно кард. Осори тарҷумакардаи ин мутарҷим ҷузъи асосии маҳсули эҷодӣ ва фаъолияти босамари ӯро дар таърихи адабиёти тоҷик собит месозад» (диссертатсия, саҳ. 37).

Боби дуюми диссертатсия «Саҳми Ҳасан Ирфон дар инкишофи насри тоҷикӣ» ном дошта, аз ду фасл фароҳам омадааст. Дар фасли аввал осори мансури адиб аз назари мавзуъ ва муҳтаво ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Фасли дуюми ин боб ба таъйини вижагиҳои жанрӣ ва бадеии осори Ҳасан Ирфон ихтисос дошта, муаллиф дар ин фасл таҳлилу баррасиҳои қобили таваҷҷуҳ дорад. Аз тақиқи У. Боронов маълум мешавад, ки аз Ҳасан Ирфон ҳамагӣ ду повест, як роман ва як ҳикоя ба дасти хонанда расида, ин асарҳо бо хусусиятҳои жанрӣ ва бадеияти тасвир ҷолиби диққат буда, ҳунар ва нақши нависандаро дар таърихи адабиёти давраи нави тоҷик муайян менамоянд.

Боби сеюми диссертатсия «Нақш ва ҷойгоҳи тарҷумаи бадеӣ дар эҷодиёти Ҳасан Ирфон» унвон дошта, дар ду осори тарҷумавии адиб ва мухтассоти сабкии онҳо таҳқиқ шудаанд.

Муаллифи диссертатсия оғози фаъолияти тарҷумонии Ҳасан Ирфонро, ки солҳои 30-юми асри XX рост меояд, муайян карда, давраи дуюми фаъолияти тарҷумонии ӯ, яъне ибтидо аз солҳои панҷоҳро давраи ташаккули ҳунари тарҷумонии ӯ медонад. Дар ин ду давраи фаъолияти тарҷумонӣ Ҳасан Ирфон ба тарҷумаи асарҳои Максим Горкий – «Бачагӣ», «Дар байни мардум» (1936), «Университетҳои ман», Даниел Дефо – «Робинзон Крузо», Жюл Верн – «Бачаҳои капитан Грант», Алексей Толстой «Ғалла», Салтиков-Шедрин – «Ҷанобон Головлёвҳо», Собит Муқанов – «Мактаби ҳаёт», маҷмуаи «Ҳикояҳои Ҳинду Покистон», Робиндранат Такур «Завол» ва ғайра даст зада, дар ғановатмандии хазинаи осори тарҷумавии адабиёти тоҷик саҳм гирифтааст.

Гузориш ва ҳалли масъалаҳо, таҳлили ҷузъиёти адабӣ – ҳунарӣ, қиёсу тарҷеҳ ва дарёфти ҳадафҳои эҷодии муаллифи матни асл ва тарҷумон аз ҷустуҷӯ ва тозакориҳои муаллифи рисола маҳсуб меёбад, ки дар ҳарду фасли боби сеюми диссертатсия мушоҳида мешавад. Зиёда аз ин, ба масъалаи ҳунари тарҷумонии Ҳасан Ирфон низ таваҷҷуҳ зоҳир шудааст, ки хуб аст. Дар фасли дуюми боби сеюм ҳадафи меҳварӣ муайян сохтани хусусиятҳои сабкии тарҷумаҳои Ҳасан Ирфон буда, ба назари мо, дар ин самт пажуҳишгар муваффақ шудааст. Воқеан, вақте ки ба тарҷумаҳои Ҳасан Ирфон аз адабиёти ҷаҳон ошно мешавем, ба садоқат ва ҳунармандии ӯ дар ҳифзи сабки муаллифи матни асл боварӣ ҳосил мешавад.

**Хулосаи диссертатсияи** Боронов Умедҷон Хуҷамуродович фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 11 банд фароҳам омадаанд ва истиноди зарурӣ дар охири ҳар банд ба мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст.

Дар диссертатсияи Боронов Умедҷон Хуҷамуродович дар баробари дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби таваҷҷуҳ баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки зикри онҳоро зарур меҳисобем:

1. Ба андешаи мо, боби якуми диссертатсия «Зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Ҳасан Ирфон» номгузорӣ мешуд, ба мақсад мувофиқ буд. Чунки дар фасли дуюми ин боб ба ғайр аз осори адиб, ҳамчунин, ҷараёни ба кори эҷодӣ рӯй овардан, заминаҳои ташаккули ҷаҳонбинӣ ва ҳунари эҷодии ӯ низ шарҳ ёфта, ин масоилро наметавон зери унвони «Зиндагинома ва осори Ҳасан Ирфон» баррасӣ намуд.

2. Боби якуми диссертатсия ба таҳқиқи зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Ҳасан Ирфон бахшида шуда, дар ин боб истифода ва ё истинод ба маълумоти нашрҳои гуногуни китоби «Адибони Тоҷикистон» ва

«Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик» зарурат дошт. Мутаассифона, аз ин манобеи тарҷумаиҳолӣ ва энсиклопедӣ дар кор истифода нашудааст.

3. Дар бахши муқаддима ва бобу фаслҳои диссертатсия насабу номи муҳаққиқон ба шаклҳои гуногун зикр гардида, низоми муайян ба назар намерасад. Чунончи: Ҳ. Ирфон, Ҳасан Ирфон, М. Шукуров, Раҳим Ҳошим ва ғайра. Ба ҳамин монанд дар диссертатсия ва автореферат истилоҳоти «услуб» ва «услуб», «услуби осори тарҷумавӣ» ва «сабки осори тарҷумавӣ» истифода гардида, истифодаи мафҳуми «сабк» беҳтар мебуд. Услуб бештар зимни таҳқиқи забоншиносӣ ба кор меравад, дар адабиётшиносӣ бошад, сабк серистеъмол аст.

4. Дар диссертатсия ва автореферат баъзан андешаҳои баҳсбарангез ва ғалат ба чашм мерасанд, киислоҳи онҳо ногузир аст. Масалан, дар саҳифаи 46-уми диссертатсия қайд шудааст, ки «Дар адабиёти навини тоҷик дар радифи «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ ва «Субҳи ҷавонии мо»-и Сотим Улуғзода романи Ҳасан Ирфон «Дар кулбаи косибон» нахустин намунаи жанри тарҷумаи ҳоли бадеӣ буда, бо сохтори хосси мундариҷавию жанрӣ аз дигар осори ҳаммонандашон тафовут доранд». «Дар кулбаи косибон»-и Ҳасан Ирфон идомаи анъанаи ёддоштнигорист, на ин ки нахустин намуна. Илова бар ин, ифодаи «намунаи жанри тарҷумаи ҳоли бадеӣ» ғалат ва тасҳеҳталаб аст.

5. Нодуруст ифода шудани мақсади муаллиф асосан дар заминаи ғалатҳои услубӣ сар зада, ба ҳукми далел ҷумлаи зеринро меорем: «Ин равиш аз афзалияти бебаҳси ҳунари тарҷумонии Ҳасан Ирфон буда, чеҳраи ҳунарии ӯро ҳамчун нависанда ва тарҷумони осори бадеӣ дар ҳифзи сабки нусхаи асл дар дарозои замонҳо маҳфуз медорад» (диссертатсия, саҳ. 151). Ибора ва ифодаи «дар дарозои замонҳо» мантиқан хароб аст.

6. Дар саҳифаҳои гуногуни диссертатсия ва автореферати он ғалатҳои услубӣ (дисс., саҳ. 68, 134), имлоӣ (саҳ. 14, 16, 22, 43, 68, 111, 129) ва техникӣ (саҳ. 16, 29, 47, 79, 118, 127) ба назар мерасанд. Ҳамзамон, ҷо-ҷое ба шакли нодуруст истифода гардидани калимаю ибораҳои маъмулӣ ва истилоҳот мушоҳида мешавад, ки ислоҳи онҳо боиси афзудани ҳусну зиннати ин кори илмӣ-таҳқиқӣ мегардад. Чунончи: акс кунонидан (саҳеҳаш: ифода намудан) (саҳ. 139), тарҷумаи образ ба образ (саҳеҳаш: тарҷумаи ҷузъ ба ҷузъ) (саҳ. 96, 151), таҷрибаи тӯлонӣ (саҳеҳаш: таҷрибаи зиёд) (саҳ. 134), пуристеъдод (саҳеҳаш: боистеъдод) (саҳ. 30).

Ба таври умум, эродҳои зикршуда ислоҳпазир буда, ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назар гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқии Боронов Умедҷон ҳусни аз ин ҳам бештар зам менамоянд.

Автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифтаанд. Мавзуи интихобнамудаи ӯ ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ комилан мувофиқат менамояд.

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи номзадии Боронов Умедҷон Хуҷамуродович дар мавзуи «Фаъолияти адабӣ ва тарҷумонии Ҳасан Ирфон» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илми филология,
декани факултети филологияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Сироҷиддини Эмомалӣ
«01» июни соли 2023.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Тел.: (+992) 907 65 38 38.
E-mail: sirojiddin1975@mail.ru

Имзои Сироҷиддини Эмомалиро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj
«01» июни соли 2023.